**Фаъолияти ташхисӣ - таҳқиқотӣ оид ба равишҳои беҳгардонидани сифати таълим ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон ва донишҷӯён дар замони муосир.**

Ҷиҳати иҷрои нақшаи кории Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2023 кормандони ПРМ АТТ Тоҳириён Ш. – сардори раёсати ташхис ва тақризи ПРМ бо мақсади муайян намудани равишҳои беҳгардонидани сифати таълим ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон ва донишҷӯён дар замони муосир ба муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Хуҷанд фиристонида шуданд. Санаи 15 – уми май дар шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи маориф – Темирова М. кормандонро пешвоз гирифта, бо мудири кабинети методии шуъба – Абдуллоева Д. дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5 роҳнамоӣ намуданд. Бо маъмурияти муассисаи мазкур оид ба ин масъала суҳбат анҷом дода шуда, баррасии он дар нақшаи солона, шурои методӣ ва педагогӣ таҳқиқ намуда шуд. Аз ҷумла, директории муассиса Умарзода Д. қайд намуд, ки барои болоравии сифати таҳсилот иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, фаннӣ бениҳоят муҳим мебошад. Инчунин, қайд гардид, ки дар ин самт ҳамкории муштараки оила, мактаб ва ҷомеа, ҷустуҷуйи роҳҳои истифодаи самараноки интернет, телефонии мобилӣ низ зарур аст. Дар раванди фаъолияти ташхисӣ – таҳқиқотӣ ҷиҳати муайян намудани равишҳои сатҳу сифати дониш ба хонандагон саволномаҳои тестӣ дода шуда, иҷроиши он арзёбӣ гардид. Бо хонандагон саволу ҷавоб ташкил гардида, оид ба чи тавр сурат гирифтан ва шаклгирии раванди шавқовари дарси муосир афкори онҳо шунида шуд. Сипас, бо гуруҳи омӯзгорон суҳбат ороста гардида, сабабҳои рӯй овардан ба ин масъала ва омилҳои дарёфти ҳалли он мавриди баррасӣ қарор гирифт. Инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Бобоҷон Ғафуров, Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров ва муассисаҳои ш. Хуҷанд низ фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ анҷом дода шуд. Ҷиҳати иҷрои нақшаи кории Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2023 корманди ПРМ АТТ Назиров Н. – мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ бо мақсади муайян намудани равишҳои беҳгардонидани сифати таълим ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон ва донишҷӯён дар замони муосир ба муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Хоруғ фиристонида шуд. Нахуст мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ Назиров Назир дар сарраёсати маориф бо кормандони раёсат оид ба ин масъала ҳамсуҳбат гардид. Баъдан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№2, 5, 7, Мактаби Президентӣ, Коллеҷи Оғохон, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ба фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ машғул гардид.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муайян гардид, ки омӯзгорон нисбат ба роҳу равиши баланд беҳгардонии сатҳу сифати таҳсилот чунин фикру ақидаҳо доранд:

1. Бо мақсади ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози миллӣ дар китобҳои дарсии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ворид намудани нақлу ҳикояҳо аз ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.
2. Соли хониш то 25-уми май давом кунад. Омӯзгорон, хонандагон аз ҷиҳати равонӣ монда мешаванд ва барномаи таълимии ҷорӣ соли таҳсили то 25-уми майро ба ҳисоб гирифта таҳия гардидааст.
3. Таълими хештаншиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ, ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳуввиятсози халқи тоҷик аз рӯйи зиндагии ибратомӯзи қаҳрамонони миллат ба роҳ монда шавад.
4. Ба таври тестӣ супоришҳо бисёртар шавад, чунки дохилшавии хонандагон ба МТОК тавассути тест сурат мегирад ва ба ин намуди фаъолият бояд таваҷҷуҳи зиёд дода шавад.
5. Барномаи таълим ба талаботи усули дарси салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ гардад.

6. Шароити иҷтимоии омӯзгор ба эътибор гирифта шуда, музди маош зиёд карда шавад.











